*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №32 (2859) | ШАНБЕ, 17 МАРТИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





## Вақти он расидааст, ки мо ба мутахассисони худӣ такя намоем

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Муассисаи давлатии «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон»**

*15 марти соли 2012*

**Ҳозирини гиромӣ!**
**Дӯстони азиз!**

Солҳои охир аз баракати сулҳу субот дар арафаи ҷашнҳои милливу таърихӣ баргузор гардидани вохӯриву мулоқотҳои судманд, чорабиниҳои илмиву фарҳангӣ ва ба истифода додани иншооту биноҳои навбунёд дар кишвари мо ба ҳукми анъана даромадааст.

Имрӯз низ мо дар остонаи Наврӯзи оламафрӯз шоҳиди ба истифода супоридани боз як иншооти муҳим - бинои Муассисаи давлатии «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон» гардидем, ки бешубҳа, дар бобати баланд бардоштани маҳорати касбии шаҳрвандони мамлакат нақши махсус хоҳад бозид.

Бинобар ин, қабл аз ҳама ба ҳамаи онҳое, ки дар бунёди чунин як маркази замонавӣ ва барои шаҳрвандони мо хеле муҳим саҳм гузоштаанд, изҳори миннатдорӣ намуда, бо истифода аз фурсати муносиб фарорасии ҷашни бошукӯҳ ва фархундаи миллӣ - Наврӯзи Аҷамро ба ҳамаи шумо табрику таҳният мегӯям ва бароятон бахту иқболи нек ва рӯзгори хушу ободи орзумандам.

Бовар дорам, ки маркази мазкур бо тамоми шароити муосири таълимии дар он муҳайёшуда ҳамчун тӯҳфаи арзандаи Давлату Ҳукумат арзёбӣ ва қабул мегардад.

Ҳукумати Тоҷикистон дар доираи имкониятҳои мавҷуда маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ, бахусус маорифро мунтазам зиёд намуда, барои тарбияи насли донишманду кордон ва худшиносу ватанпараст пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳад.

Бо вуҷуди ин, ҷараёни пешрафти босуръати илму техника ва талаботи рӯзафзуни бозори меҳнат ба ихтисосмандони замонавӣ аз ҳамаи мову шумо тақозо мекунад, ки заминаҳои моддиву техникии муассисаҳои таҳсилоти миёнаву олии касбӣ ва марказҳои таълимиро боз ҳам такмил диҳем. Зеро бе кадрҳои соҳибихтисосу бомаърифат татбиқи ҳадафҳои стратегии миллиамон, ки асоси рушду нумӯи кишвари соҳибистиқлоли мо мебошанд, аз имкон берун хоҳад буд.

Имрӯз дар тамоми самтҳои ҳаёт бунёду барқарор намудан ва азнавсозии иншооти муҳими иҷтимоиву иқтисодӣ бомаром идома дорад.

Воқеан, вақти он расидааст, ки мо на танҳо дар бунёди иншооти хурду миёна, балки дар сохтмони муҳимтарин иншооти кишварамон, ба монанди роҳу нақбҳо, нерӯгоҳҳои барқи обӣ ва монанди онҳо ба мутахассисони худӣ такя намоем, зеро тарбия ва ҷалби ҳар чӣ бештари онҳо ба раванди созандагӣ дар дохили кишвар паҳлуҳои мусбати зиёд дорад.

Бо дарназардошти ин масъалаи муҳим, сохтору мақомоти марбутаро зарур аст, ки барои баланд бардоштани сатҳи дониш ва маҳорати касбии устодону мураббиён беш аз пеш кӯшиш ба харҷ дода, ҷиҳати таъмини фаъолияти самараноки онҳо ҳамаи шароити заруриро фароҳам созанд.

Тавсеаи фаъолияти коллеҷу омӯзишгоҳҳо ва марказҳои таълимӣ ҳамчунин метавонад дар масъалаи бозомӯзии касбии муҳоҷирони меҳнатӣ саҳми арзанда гузорад, ки ин дар шароити имрӯза хеле муҳим аст.

Ҳанӯз моҳи апрели соли 2008 дар маросими ба истифода додани Маркази миллии тавонбахшии «Чорбоғ» зикр карда будам, ки масъалаи бозомӯзии муҳоҷирони меҳнатӣ ва хусусан касбомӯзии шаҳрвандони калонсоле, ки бо сабабҳои гуногун беихтисос монда, мехоҳанд имрӯз касбҳои ба бозори меҳнат ҷавобгӯро аз худ кунанд, аз ҷумлаи корҳои муҳимтарин мебошад.

Бо мақсади ташаккули низоми муосири таълими касбии калонсолон, ки аз ҷумла ташкили курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзиро бо унсурҳои омӯзиши забон ва меъёрҳои ҳуқуқии муҳоҷират фаро мегирад, Муассисаи давлатии «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон» ва филиалҳои минтақавии он бо ҷалби маблағҳои дохиливу беруна таъсис дода шудааст.

Ҷиҳати боз ҳам вусъат бахшидани фаъолият дар самти касбомӯзӣ ва бозомӯзии шаҳрвандони бекор барномаи махсус таҳия гардидааст, ки дар доираи он танҳо соли 2011 тавассути 28 муассисаи таълими касбии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар маҷмӯъ қариб чилу панҷ ҳазор нафар шаҳрвандон, аз ҷумла муҳоҷирони меҳнатӣ аз рӯйи 48 ихтисос ба тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ фаро гирифта шудаанд, ки ин рақам нисбат ба соли 2010 чор баробар зиёд мебошад.

Инчунин тавассути маблағҳои Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар муассисаҳои таълимии зикршуда аз ҳисоби оилаҳои камбизоат ва ятимону маъюбон зиёда аз даҳуним ҳазор нафар соҳиби касбу ихтисос гардидаанд, ки аз ин теъдод панҷоҳ фоизашро занону духтарон ташкил медиҳанд.

Вобаста ба ин, Ҳукумати Тоҷикистонро зарур аст, ки минбаъд низ ҷиҳати зиёд намудани марказҳои тайёрии калонсолон, такмили ихтисос ва бозомӯзии онҳо тадбирҳои мушаххасро амалӣ намояд.

Масъалаи муҳими дигар шаҳодатномакунонии малакаи касбии шаҳрвандон мебошад. Зеро аксари шаҳрвандони мо, аз ҷумла муҳоҷирони меҳнатӣ соҳиби малакаи хуби касбӣ мебошанд, вале ҳуҷҷати тасдиққунандаи касбият надоранд, ки дар оянда ба фаъолияти расмии онҳо монеа эҷод мекунад.

Бо мақсади ҳалли ин мушкилот соли 2011 аввалин барномаи шаҳодатномакунонии малакаи касбӣ дар марказҳои таълими калонсолон ба роҳ монда шуд ва то имрӯз қариб ёздаҳ ҳазор нафар соҳиби шаҳодатномаи тахассусӣ гардиданд.

(Идома дар саҳ. 2)

● Татбиқи барномаи давлатӣ

## Ҳадаф - таъмини рушди устувор

**Мутобиқи моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бо мақсади таъмини вазъи устувори иқтисодӣ, муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Рашт Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2011 таҳти № 600 «Дар бораи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Рашт барои солҳои 2012-2016» қабул гардид. Хабарнигорон бо узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси ноҳияи Рашт Саидумрон Абдураҳмонов дар бораи мӯҳтавои барномаи зикршуда ва роҳҳои татбиқи он мусоҳиба оростанд.**



**-Саидумрон Назарович, афзалият ва самтҳои барномаи мазкурро чӣ гуна шарҳ додан мумкин аст?**

-Барномаи мазкур афзалият ва самтҳои умумиро муайян менамояд, ки он барои ноил гардидан ба рушди устувори иқтисодӣ, дастрасии осони аҳолӣ ба хизматрасониҳои заминавии иҷтимоӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ нигаронида шудааст. Мусоидат ба афзоиши қувваҳои истеҳсолӣ имконият медиҳад, ки ҷойҳои нави корӣ ташкил гардида, сатҳи зиндагии мардум беҳтар шавад.

Ҷалби ҳар чӣ бештари сармоягузории хориҷӣ ва дохилӣ асоси амалӣ гардонидани вазифаҳои гузошташуда буда, дар ин самт аз ҷониби Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия тамоми имконият истифода мешавад.

Рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия барои солҳои 2012-2016, бо назардошти истифодаи имкониятҳои истеҳсолӣ, пешбинӣ мешавад ва дар зиёдшавии маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ асос мегузорад.

**-Дар ноҳия аз кадом имконоти истеҳсолӣ бештар истифода бурдан мумкин аст?**

-Чунин имкониятҳо зиёданд ва дар Барномаи мазкур низ ба таври воқеӣ инъикос ёфтаанд. Чунин имкониятҳо, пеш аз ҳама, дар мавҷуд будани барномаҳои соҳавии дар сатҳи миллӣ ба роҳ мондани истихроҷ ва коркарди маъданҳои кӯҳӣ, таъсиси корхонаҳои муштарак, ворид намудани таҷҳизоти нави технологӣ барои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, вусъат бахшидан ба истихроҷи ангишт дар конҳои «Назарайлоқ» ва «Кафтархона», мусоидат дар бунёди нерӯгоҳҳои хурди барқи обӣ ва ғайра инъикос гардидаанд.

**-Маълум мешавад, ки бештари имконот ба истеҳсоли маҳсулот ва захираҳои табиӣ вобастагӣ доранд ва ноҳия дар ин замина метавонад ба рушди бисёр соҳаҳо ноил гардад...**

-Дар ноҳия қариб ҳамаи намуди дарахтони мевадиҳанда, растаниҳои даштӣ ва бешадаштӣ мерӯянд. Ноҳия аз захираҳои табиӣ низ бой буда, дар бағали кӯҳҳои он тилло, нуқра, мис, ангиштсанги навъи кокс, намак, санги мармар, оҳаксанг, хоки кӯлолӣ, чашмаи обҳои мусаффо мавҷуданд.

Аз ҳама муҳим замини ҳосилхезу киштбоб дорад. Аз ин рӯ, ноҳия аграрӣ буда, кишоварзӣ соҳаи асосии пешбурди иқтисодиёт ҳисобида мешавад. Мардуми деҳот асосан ба кишоварзӣ машғул буда, барои қисми зиёди он манбаи ягонаи даромад мебошад. Рушди соҳаи картошкапарварӣ аз соҳаҳои афзалиятнок дониста мешавад.

Чунончӣ, соли гузашта дар майдони 2039 гектар картошка кишт гардида, ба ҳисоби миёна аз ҳар гектар 230 сентнерӣ ҳосил рӯёнида шуд, ки дар маҷмӯъ 46981 тоннаро ташкил дод. Дар барномаи давлатӣ инкишоф додани хоҷагии махсусгардонидашудаи тухмипарварӣ, додани қарзҳои дарозмуддату камфоиз ва таъмири роҳҳои мошингард ҳадафи асосии соҳа арзёбӣ шудаанд.

Ба ҳамин монанд чорводорӣ, зироаткорӣ, боғдорӣ, занбӯриасалпарварӣ ва ғайра низ рушд хоҳад ёфт.

**-Обёрӣ, азхудкунии заминҳои нав, беҳтаргардонии ҳолати мелиоративии заминҳо воситаи муҳими рушди соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад. Маълум, ки солҳои охир вобаста ба ин масъала мушкилоти зиёде пеш омадааст, бахусус нарасидани маблағ. Оянда дар ин самт дигаргуниҳои мусбӣ пешбинӣ шудаанд?**

-Ҷиҳати рафъи мушкилот дар ин соҳа, бешубҳа, ба кӯмаки давлат ниёз дорем. Бинобар ин, дар барномаи давлатӣ сохтмони қубури обгузар дар мавзеи Ҳоит, обёрӣ намудани 575 гектар заминҳои қитъаи Варзигон, Ҳисорак, Қалъанак, Шаҳринав, Луғиёзӣ, Ярхич, Қалъаи Сурх, Фурудгоҳ ва сохтмони канали заминҳои мавзеи Нимич ба нақша гирифта шудааст. Маблағи умумии ин корҳо 5 миллиону 942 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Ин ҳама аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ва сармоягузории хориҷӣ маблағгузорӣ шуда, анҷоми сохтмон то соли 2016 дар назар аст.

**-Минтақаи кӯҳистони Рашт дорои дарё, чашмаҳои мусаффо буда, яке аз манбаҳои асосии гидроэнергетика мебошад. Истифодаи мақсадноку пурсамари он чӣ гуна ҷараён мегирад?**

-Дар бахши инфрасохтории барномаи давлатӣ бо маблағгузориҳои буҷети ҷумҳуриявӣ, ҷалби сармоягузории ватанию хориҷӣ ин соҳа рушд хоҳад ёфт, зеро бо нерӯи барқ таъмин намудани аҳолии манотиқи кӯҳистон аз масъалаҳои рӯзмарра маҳсуб меёбад.

Сохта ва ба истифода додани нерӯгоҳҳои хурди барқи обии «Санги кар», «Тутак», «Ҳиҷборак», «Навдӣ» ва ғайра, барқарорсозии хатҳои интиқоли барқ, зеристгоҳҳо ва трансформаторҳои қувваги 10/04 КВ роҳандозӣ мешавад, ки маблағи умумии онҳо 5 миллиону 454 ҳазор доллари америкоӣ ва 2 миллиону 825 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

То соли 2016 барои бо оби нӯшокӣ таъмин намудани аҳолӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ, сармоягузории хориҷӣ, буҷети маҳаллӣ ва хоҷагидорӣ маблағи 7 миллиону 217 ҳазор сомонӣ пешбинӣ шудааст.

**-Соҳаҳои маориф ва тандурустӣ аз бахшҳои муҳим ба ҳисоб рафта, ҳамчун самтҳои афзалиятнок ҷиҳати таълиму тарбияи насли наврас, беҳбудии саломатии мардум дониста мешаванд. Бешубҳа, ба рушди минбаъда ва беҳтар намудани талаботи замон мутобиқ гардонидани фаъолияти ин соҳаҳо тадбирҳои зиёде амалӣ мешаванд…**

-Рушди ин бахшҳои воқеан ҳам муҳим дар маркази диққати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд. Дар «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Рашт барои солҳои 2012-2016» анҷоми як қатор корҳои сохтмонию азнавсозӣ дар соҳаҳои маорифу тандурустӣ пешбинӣ шудаанд. Дар бахши маориф барои сохтмони мактабҳои деҳаи Осиёбдара, Ялдамич, мактаби кӯдакони лаёқатманди деҳаи Рашт, идомаи сохтмони мактаби №25-и деҳаи Қалъанак, мактаби №27-и деҳаи Навдӣ, филиали ДДОТ ба номи С. Айнӣ, боғчаи бачагонаи шаҳраки Навобод ва ғайра иншооте мебошанд, ки аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ то соли 2016 ба маблағи 37 миллиону 509 ҳазор сомонӣ сохта, ба истифода дода мешаванд.

Ҳамзамон сохтмони бинои хобгоҳи Омӯзишгоҳи тиббӣ барои 100 нафар ва бинои таълимӣ барои 350 нафар, сохтмони бинои маркази саломатӣ дар деҳаи Ярхич, бунгоҳи саломатӣ дар деҳаҳои Булқос, Миртоб, Чашмаи Қизӣ, Қазноқ, Муллобарот, Нимичак ва Поче аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ, маҳаллӣ ва сармоягузории хориҷӣ ба маблағи 13 миллиону 811 ҳазор сомонӣ ба нақша гирифта шудааст. Аз ҳисоби маблағҳои худӣ сохтмони маркази савдо, нуқтаи фурӯши сӯзишворӣ, корхонаи дуредгарӣ ва ғайра бунёд меёбанд, ки маблағи умумии онҳо 2 миллиону 173 ҳазор сомонӣ мебошад.

Дар асоси барномаи давлатӣ сохтану ба истифода додани биноҳои маъмурӣ, фарҳангӣ, истеҳсолӣ ва ғайра, ки 73 иншоотро дар бар мегиранд, пешбинӣ гардидааст. Ҳамин тариқ, арзиши умумии «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Рашт барои солҳои 2012-2016»-ум 105 миллиону 256 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Мутобиқи барномаи давлатӣ ҳар сол бештар аз 1,5 ҳазор ҷойи нави кор муҳайё мешавад. Ҳамаи ин гувоҳӣ медиҳад, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди манотиқи кӯҳистон, минҷумла, ноҳияи Рашт таваҷҷуҳи хоса доранд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои судмандро амалӣ мегардонад.

***Аъзам МӮСОЕВ,***
***«Садои мардум»,***
***Мирзосафар РИЗВОНОВ,***
***рӯзноманигор***

## Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи ба эҳтиёт рухсат додани хизматчиёни ҳарбие, ки мӯҳлати муқарраргардидаи хизмати ҳарбиро адо намудаанд ва даъвати навбатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои таваллуди 1985-1994 ба хизмати ҳарбӣ**

Мутобиқи моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиа» **фармон медиҳам:**

1. Хизматчиёни ҳарбие, ки мӯҳлати муқарраргардидаи хизмати ҳарбиро адо намудаанд, моҳҳои апрел-майи соли 2012 аз сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳои мудофиаи гражданни Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бригадаи посбоникунандаи Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба эҳтиёт рухсат дода шаванд.

2. Моҳҳои апрел-майи соли 2012 шаҳрвандони ҷинси марди то рӯзи даъват ба синни 18 расида, инчунин шаҳрвандони синну соли калонтари Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳуқуқи ба таъхир андохтани мӯҳлати даъват ё озод будан аз даъват ба хизмати ҳарбиро надоранд, барои хизмат ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қӯшунҳои мудофиаи граждании Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бригадаи посбоникунандаи Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват карда шаванд.

4. Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони комиссияҳои даъватии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда шаванд, ки бо дарназардошти хусусиятҳои хоси хизмат дар қӯшунҳои сарҳадӣ, Гвардияи миллӣ ва қисмҳои ҳарбии таъиноти махсус мукаммалгардонии онҳоро бо иштироки мақомоти амният ва корҳои дохилӣ дар навбати аввал бо даъватшавандагони ба таври дақиқ интихобшуда амалӣ намоянд.

5. Мутобиқи моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» барои ташкил намудани даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ раиси шаҳру ноҳия масъул аст.

6. Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омодагӣ ва рафти даъвати шаҳрвандонро ба хизмати ҳарбӣ ба таври васеъ инъикос намуда, хизмати ҳарбиро дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон тарғибу ташвиқ намоянд.

7. Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муоинаи назорати тиббии даъватшавандагоне, ки аз ҷониби комиссияҳои даъватии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ даъват шудаанд, бо мутахассисони таҷрибанок таъмин намояд.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ РАҲМОН**

**ш. Душанбе, аз 13 марти соли 2012 № 1255**

## Дар бораи вазъи таъминот бо барқ



Бо сабаби нобаҳангом паст шудани ҳарорати ҳаво ва кам гардидани ҳаҷми об дар маҷрои дарёи Вахш, ки воситаи асосии таъминоти барқи кишвар аст, дар назар аст, ки истеҳсоли нерӯи барқ дар миқёси мамлакат коҳиш меёбад.

Тибқи нишондодҳои таҷҳизоти обсанҷӣ, дар ҳамин рӯзҳо ҳаҷми об дар маҷрои дарёи Вахш дар як сония 70-80 метри мукаабро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда аз ҳисоби миёнаи бисёрсола се баробар кам мебошад. Ҳаҷми оби обанбор дар соати $7^{00}$-и рӯзи 13 март 863,53 метрро ташкил дод. Ин чунин маъно дорад, ки то нуқтаи ниҳоии техникӣ мо ҳамагӣ 6, 53 метр об захира дорем. Ёдовар мешавем, ки ҳар шабонарӯз аз рӯйи меъёри ҷорӣ 50-55 сантиметр об хароҷот мегардад. Бе назардошти маҷро, ин захира ба 13 рӯз мерасад. Дар як вақт вобаста ба хунукӣ талабот ба нерӯи барқ афзоиш меёбад.

Системаи энергетикии кишвар дар роҳи таъминоти мардум бо барқ дар ин рӯзҳо аз тамоми шароиту имконият истифода мебарад. Ба хотири таъминоти бештари мардум бо барқ КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» дар ҳар шабонарӯз нисбат ба солҳои қаблӣ 2,5-3 миллион кВт.соат кам барқ гирифта истодааст. Иқтидори Нерӯгоҳи барқи обии навбунёди «Сангтӯда-2» афзоиш ёфта, он дар ҳар шабонарӯз то 1,9 миллион кВт.соат барқ истеҳсол менамояд. Бо вуҷуди ин, моро лозим омадааст, ки рӯзҳои охир ба хотири то гармиҳо бо барқ таъмин будани аҳолӣ ва хоҷагии халқи мамлакат, корхонаҳое, ки аз рӯйи технология бе барқ монондани онҳо катъиян мумкин нест, интиқоли барқро дар ноҳияҳо то 15-20 фоиз кам намоем.

Алҳол таъминоти барқ аз рӯйи реҷаи муқаррарӣ сурат мегирад. Бо назардошти вазъи баамаломада, дар сурати идома ёфтани хунукӣ лозим меояд, ки дар тамоми кишвар реҷаи махсуси таъминоти нерӯи барқ ҷорӣ карда шавад.

Хотиррасон менамоем, ки зимистони имсола, бо вуҷуди амал намудани реҷаи маҳдудият, таъминот бо барқ хуб буд. Шаҳри Душанбе, аксари марказҳои вилоятҳо бемаҳдудият ва нуқоти таҳти лимит қарордошта бамаротиб хуб барқ мегирифтанд. Бо вуҷуди сардиҳои шадиду дарозмуддат, садамаҳои ҷиддии системавӣ ба амал наомаданд. Алҳол дар оғози баҳор носозгориҳои табиат чунин вазъро ба миён овард. Дар ҳақиқат, маҳдудияти барқ ногуворӣ ва душвории зиёд меорад, бисёриҳоро асабиву дилгир мекунад, вале афсӯс ҳоло фақат ҳамин қадар имконияту шароит дорем. Танҳо як чиз тасаллобахш аст: шукр мо ба баҳор, ба рӯзҳои гарм расидему дигар бозгашт ба сардӣ нест.

Мутахассисони ШСХК «Барқи Тоҷик» баробари зиёд шудани ҳаҷми об дар маҷрои дарёи Вахш таъминоти муқаррарии нерӯи барқро ба муштариён барқарор менамоянд ва истеҳсоли барқ зиёду таъмини аҳолӣ бо барқ ба эътидол хоҳад даромад.

***Маркази матбуоти ШСХК «Барқи Тоҷик»***

(Идома аз саҳ. 1)

# Вақти он расидааст, ки мо ба мутахассисони худӣ такя намоем

Гузашта аз ин, бо дарназардошти аҳамияти масъалаи мазкур соли 2011 филиалҳои Маркази таълими калонсолон дар дигар шаҳру ноҳияҳои кишвар, аз ҷумла шаҳрҳои Хоруғу Исфара, Панҷакенту Истаравшан ва ноҳияҳои Рашт, Кӯҳистони Мастчоҳ, Шӯрообод ва Бобоҷон Ғафуров таъсис дода шуда, бо таҷҳизоти зарурии таълимӣ таъмин гардиданд.

Самараи чунин тадбирҳост, ки дар асоси Консепсияи таъсис ва нигоҳдории ҷойҳои корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зарфи бист сол қариб як миллион ҷойи кории нав таъсис ёфта, беш аз сесаду ҳафтод ҳазор нафар бо кори доимӣ таъмин шудаанд.

Дар ин муддат қариб дусаду панҷоҳ ҳазор шаҳрванди бекор аз ҳисоби маблағҳои барномаи шуғли аҳолӣ ба касбомӯзӣ фаро гирифта шуданд. Дар натиҷа, вазъи бозори меҳнат торафт мӯътадил гардида, сатҳи шуғлнокии аҳолӣ ҳамасола боло рафта истодааст.

Бо вуҷуди ин, хотирнишон месозам, ки марказҳои таълими мақомоти шуғли аҳолӣ ҳанӯз ҳам имкони пурра қонеъ намудани талаботи корҷӯёнро ба касбомӯзӣ надоранд.

Тибқи маълумоти омори расмӣ аз чилуҳашт ҳазор нафар шаҳрвандоне, ки соли 2011 дар мақомоти шуғли аҳолӣ ҳамчун бекор ба қайд гирифта шудаанд, сивуҳашт ҳазор нафар ё худ ҳафтодуҳашт фоизашон ба касбомӯзӣ ниёз доранд.

Аз ин лиҳоз, ҷиҳати истифода аз таҷрибаи марказҳои таълими калонсолон дар рушди бозори меҳнат ва паст намудани сатҳи бекорӣ зарур мешуморам, ки сохтори омӯзишгоҳу литсейҳои низоми таҳсилоти ибтидоии касбӣ таҷдид карда шавад.

Зеро омода кардани кадрҳои коргарӣ, бо дарназардошти талаботи бозори меҳнат, дар зинаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ имкони бештар дошта, ҳалли ин масъала яке аз вазифаҳои асосии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ мебошад.

Дар робита ба ин, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро зарур аст, ки бо мақсади тақвияти омодагии касбии шаҳрвандон аз соли ҷорӣ сар карда, бо роҳи васеъ намудани шабакаи марказҳои таълими калонсолон ва таҷдиди муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ теъдоди касбомӯзонро афзоиш диҳад.

Ҳамчунин мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва ташкилоту муассисаҳо вазифадоранд, ки ҷиҳати бо кор таъмин намудани хатмкунандагони ин муассисаҳои таълимӣ, бахусус табақаи осебпазири иҷтимоӣ – ятимону маъюбон, фарзандони оилаҳои камбизоат, занони бесаробонмонда, сарбозони аз сафи Қувваҳои Мусаллаҳ рухсатшуда ва шаҳрвандони аз муассисаҳои адои ҷазои ҷиноӣ озодгардида чораҳои ҷиддӣ андешанд.

Ман аллакай ба Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, инчунин Вазорати маориф супориш додам, ки дар кӯтоҳтарин мӯҳлат механизми ба тариқи имтиёзнок ба таҳсил фаро гирифтани ҷавонон ва духтарони имконияташон маҳдудро дар муассисаҳои таълимӣ таҳия намуда, ба баррасии Ҳукумати мамлакат манзур намоянд.

Аз ҷониби дигар, худи ҷавононро зарур аст, ки бо дарназардошти талаботи рӯзафзуни бозори меҳнат барои таҳсил ва касбомӯзӣ дар курсҳои навтаъсиси омӯзишгоҳу литсейҳо ҳавасманд бошанд ва барои соҳиби касби мувофиқ шудан мунтазам талош варзанд.

Ҷавонони мо, пеш аз ҳама бояд доир ба пайдо намудани мавқеи сазовор дар ҷомеа андеша карда, возеҳан дарк намоянд, ки танҳо бо меҳнати ҳалол зиндагии шоистаи худ ва рушду ободии Ватани хешро таъмин карда метавонанд. Зеро, касе, ки касбу ҳунар дорад, ҳеҷ гоҳ хор намешавад.

Дар робита ба ин, мехоҳам як масъалаи муҳимро хотирнишон созам. Мо рушди туризмро яке аз соҳаҳои афзалиятноку ояндадор эълон карда, доир ба ташкили инфраструктураи он ҳамаи чораҳои заруриро амалӣ гардонида истодаем.

Зарур аст, ки баробари тараққӣ кардани туризм ва ҷалби ҳар чӣ бештари сайёҳон ба касбу ҳунарҳои халқӣ, аз ҷумла коркарди сангҳои ороишӣ, чӯбкорӣ, кулолгарӣ ва даҳҳо касбу ҳунарҳое, ки аз қадим дар байни мардуми мо роиҷанд, эътибори ҷиддӣ дода шавад.

**Дӯстони гиромӣ!**

Хурсандиовар аст, ки дар давоми чанд соли охир бо вуҷуди мушкилоти мавҷуда мо дар масъалаи танзими бозори меҳнат, шуғли аҳолӣ, ҳалли масъалаҳои вобаста ба муносибатҳои меҳнатӣ ва муҳоҷират, ҷорӣ кардани низоми нави таъминоти нафақаи шаҳрвандон, ривоҷи соҳибкории хурду миёна ва такмили шаклу усулҳои қарздиҳӣ барои корҷӯяндагон як силсила иқдомоти мушаххасро амалӣ намудем.

Акнун ҳар кадоми мо вазифадорем, ки дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ масъулияти баланд зоҳир намуда, ба хотири иҷрои вазифаҳои дарпешистода ва пешрафту тараққиёти Тоҷикистони азизамон пайваста саъю талош намоем.

Дар ин роҳ ташкили ҷойҳои нави корӣ, дастгирии соҳибкории хурду миёна, дар навбати аввал соҳибкории истеҳсолӣ, рушди соҳибкории занон, зиёд кардани қарздиҳӣ ба соҳибкорон минбаъд низ ҳамчун самти муҳими паст кардани шиддати иҷтимоӣ ва беҳтар гардонидани зиндагии мардум боқӣ мемонад.

Ман ба ҳамаи онҳое, ки бо меҳру муҳаббати модарона ва эҳсони падарона ба нигоҳубину парасторӣ ва таълиму тарбияи ятимону маъюбон ва ба кор фаро гирифтани онҳо машғуланд, ҳамчунин ба шахсони ҳимматбаланду саховатпеша, ки дари хайру саховаташон ба рӯйи ин табақаи ниёзманди аҳолӣ доимо боз аст, самимона изҳори сипос менамоям.

Орзумандам, ки дар ин рӯзҳои фараҳбахши баҳорӣ дилҳои саршор аз ифтихору садоқати шумо аз партави пурназокати Наврӯзи ҷаҳонӣ пурнур гардад!

Бо истифода аз фурсати муносиб ба кишоварзон ва умуман тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон бори дигар муроҷиат менамоям, ки мушкилоти зимистони тӯлонии имсола паси сар шуда истодааст.

Аз ин рӯ, ҳар рӯзи офтобиро ғанимат дониста, барои истифодаи самараноку оқилонаи ҳар як ваҷаб замин, вусъати кишти баҳорӣ, ниҳолшинонӣ ва кабудизоркунӣ, тозаву озода кардани хонаву кошона, ободу зебо гардонидани кӯчаву хиёбонҳо, хулоса истиқболи арзандаи Соли нави аҷдодӣ ва фаровонии бозори истеъмолии кишвар кӯшиш бояд кард.

Бигзор, Наврӯзи ризқофару рӯзирасон ба деҳқонон баракати кору ба ҷавонон ғайратмандӣ, ба занону модарон хушбахтиву ба хонадони ҳар фарди Тоҷикистон хайру сахо эҳдо намояд!

Бори дигар ҳамаи шумо, дӯстони азизро бо ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ ва дар остонаи он мавриди истифода қарор гирифтани Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон самимона табрик гуфта, бароятон тани сиҳат, саодати рӯзгор ва барори кор орзу менамоям.

**Наврӯз барои ҳамаи шумо муборак бод!**

**Тансиҳату сарбаланд бошед!**

# Боздиди Эмомалӣ Раҳмон аз Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон

**Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон 15 марти соли 2012 аз маҷмааи таълимии Муассисаи давлатии «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон» дидан кард.**



Тавре зикр гардид, ин муассиса бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2008 бо 4 филиал дар шаҳрҳои Қӯрғонтеппа, Кӯлоб, Конибодом ва дар ноҳияи Тоҷикобод таъсис ёфта, зери назари Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ фаъолият мекунад.

Ин маҷмааи таълимии муассиса дар шаҳри Душанбе бо маблағгузории давлатӣ ва дастгирии кишварҳои мададрасону созмонҳои байналмилалии гуманитарӣ фаъолияти пурсамар ба роҳ мондааст.

Ба иттилои масъулин, дар ин ва дигар таълимгоҳҳои Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон мардуми синну соли гуногун - аз хурдсолон то 60-сола, пеш аз ҳама бекорон ва муҳоҷирони меҳнатӣ, аз рӯйи 48 касбу ҳунар омӯзонда мешаванд.

Дар ин таълимгоҳҳо мувофиқи талаботи бозори меҳнат мардум асосан соҳиби ҳунарҳои коргарӣ, ба мисли кафшергар, нозири барқ, сантехник, харрот, таъмиргари асбоби рӯзғор, челонгари мошин, бинокор, хиштчин, дуредгар, кандакори чӯб, андовагар, челонгар, бетонрез, арматурбанд, сангтарош, заргар, кулолгар, фермер, соҳибкор, мутахассиси коркарди маҳсулоти пашмин, бофанда, дӯзанда, тарроҳ, ороишгари мӯю рӯй, муҳосиб, ошпаз, қаннод, оператори алоқа, оператори компютер ва ғайра мешаванд.

Зимни боздид Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон бо ҳунаромӯзони ин марказ сӯҳбатҳои ҷолибу хотирмон анҷом дод.

Ба иттилои масъулин, танҳо дар соли 2011 дар 28 муассисаи ба ин монанди Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ 45 ҳазор нафар аз рӯйи 48 ихтисоси коргарӣ хонда, соҳиби касбу ҳунар шудаанд, ки нисбат ба соли 2010-ум 4 баробар зиёд аст. Қариб нисфи онҳоро занону духтарон ташкил медиҳанд.

Тавре аён гардид, дар ин марказ бо дастгирии созмонҳои байналмилалии гуманитарӣ ҳамчунин кӯдаконе, ки аз мактаб дур монда, дар бозори меҳнат кор мекунанд, ба таълими махсус ҷалб карда мешаванд. Ҳоло дар ин марказ ва як маркази дигар дар шаҳри Исфара 150 нафар кӯдакон бо таълим фаро гирифта шудаанд.

Мӯҳлати аксари курсҳои таълимии ин ва дигар муассисаҳои таълимӣ се моҳ мебошад. Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дастур дод, ки бо кам кардани мӯҳлати омӯзиши баъзе ҳунарҳои зуд азхудшаванда ва дар се баст ба роҳ мондани дарсҳо ҳар сол дар чунин марказҳо зиёда аз 100 ҳазор мутахассиси коргарӣ омода карда шавад.

Афзалияти дигари ин муассиса дар он аст, ки ба нафарони дорои касбу ҳунар ва малакаи коргарӣ бе гузаштан аз курси таълимӣ баъди супурдани имтиҳон шаҳодатномаи зарурӣ дода мешавад. Шаҳоданомаҳои касбу ҳунари ин муассиса дар хориҷи кишвар ҳам эътироф карда мешавад. Бо ҳамин роҳ соли 2011 малакаҳои касбии 11 ҳазор шаҳрванд, аз ҷумла муҳоҷирони меҳнатӣ бо шаҳодатномаи тахассусӣ тасдиқ карда шуд.

Барои ба роҳ мондани таълими босифат ва ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ барномаҳои таълими модулӣ таҳия ва қабул шуда, омӯзгорон дар кишварҳои хориҷӣ мавриди такмили ихтисос ва бозомӯзӣ қарор мегиранд.

Бо мақсади васеъ намудани шабакаҳои Муассисаи давлатии «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон» ҳоло филиалҳои он, дар шаҳру ноҳияҳои Хоруғ, Ванҷ, Дарвоз, Панҷакент, Мастчоҳ, Ёвон, Шӯрообод ва Қубодиён таъсис дода шудаанд.

Заминаи моддӣ – техникӣ ва таълимии Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон бо дастгирии Ҷумҳурии Федеративии Германия, Ҷумҳурии Туркия ва Ҷумҳурии Исломии Эрон такмил дода шудааст. Аз ҷумла маркази ташхис ва таъмири мошинҳо бо дастгирии Ҳукумати Олмон таҷҳизонида шуда, омӯзгоронаш дар ин кишвар мавриди бозомӯзӣ қарор гирифтанд.

Ташрифи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба Маркази таълими калонсолони Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ гувоҳ аз ғамхории пайвастаи ӯ ба ин самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат аст. Аз ҷониби Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид, сӯҳбатҳо ва суханронии расмӣ ба масъулин як зумра дастуру ҳидоятҳо дода шуд, ки албатта, ба кори ин соҳа такони ҷиддӣ мебахшанд.

*www.prezident.tj*

# ●Вакилони халқ 1938-2010



## ДАЪВАТИ ШАШУМ 1963 - 1967

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**



**САБИРОВ** Мазит Габдрашидович
*Вакил аз ҳавзаи интихоботии Чкалов №13, шаҳри Душанбе*

Соли 1922 дар ноҳияи Азнакаеви ҶМШС Тотористон таваллуд ёфтааст. Миллаташ тотор, таҳсилоташ олӣ.

Солҳои 1941-1943 дар Омӯзишгоҳи техникии авиатсионӣ ва дар мактаби Флоти ҳавоии граждании таҳсил намудааст. Аз соли 1945 командири киштии гурӯҳи авиатсионии Флоти ҳавоии граждании Тоҷикистон буд.

Бо орденҳои Ситораи Сурх, Байрақи Сурх ва «Нишони Фахрӣ» мукофотонида шудааст.



**ҲАЙДАРОВА** Зайнаб
*Вакил аз ҳавзаи интихоботии Шоҳмансур №14, шаҳри Душанбе*

Соли 1919 дар ноҳияи Орҷоникидзеобод таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ миёнаи нопурра.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1946 дар муассисаҳои кӯдакони ноҳияи Норак сар кардааст. Аз соли 1957 пиллакаши Комбинати шоҳибофии шаҳри Душанбе шуда кор кардааст.



**ҚАЛАНДАРОВ** Искандар
*Вакил аз ҳавзаи интихоботии Ҷанубӣ №15, шаҳри Душанбе*

Соли 1930 дар собиқ ноҳияи Октябр таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ миёнаи нопурра.

Аз соли 1947 дар роҳи оҳани камбари шаҳри Кӯлоб, аз соли 1942 бинокор ва солҳои 1951-1953 дар мақомоти милитсия кор кардааст. Соли 1956 ба корхонаи чӯбу тахта ба кор даромад.

Тахтабур ва дастгоҳчии Заводи истеҳсоли чӯбу тахтаи шаҳри Душанбе буд.



**ШУКУРОВ** Ориф Шукурович
*Вакил аз ҳавзаи интихоботии Душанбе №16, шаҳри Душанбе*

Соли 1908 таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Номзади фанҳои биологӣ. Ректори Институти давлатии омӯзгорӣ ва Институти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон, узви вобаста ва академик-котиби раёсати АИ ҶШС Тоҷикистон, ректори Институти давлатии омӯзгории ба номи Т.Г. Шевченко буд.

Бо орденҳои «Нишони Фахрӣ», медали «Барои меҳнати шуҷоатнок» ва Ифтихорномаи Раёсати Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст.



**ҒАНИЕВ** Толиб
*Вакил аз ҳавзаи интихоботии Интернатсионал №17, шаҳри Душанбе*

Соли 1935 дар Деҳималики ноҳияи Ленин таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Соли 1952 дуредгари сехи чӯбтарошӣ ва баъди аз хизмати ҳарбӣ баргаштан дар комбинати Такоб нақбкан шуда фаъолият намудааст.



**РАҲИМОВА** Ибодат
*Вакил аз ҳавзаи интихоботии Киров №18, шаҳри Душанбе*

Соли 1922 дар шаҳри Ленинобод таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1941 сар кардааст. Соли 1950 котиби КМ ЛКСМ Тоҷикистон буд. Солҳои 1957-1959 баъди хатми Мактаби олии ҳизби коммунисти назди КМ КПСС дар дастгоҳи КМ ҲК Тоҷикистон кор кардааст. Соли 1961 котиби якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Октябри шаҳри Душанбе буд.

Бо орденҳои Ленин, Байрақи Сурхи Меҳнат, «Нишони Фахрӣ» ва медалҳо мукофотонида шудааст.



**РАҶАБОВА** Ҳамроҳ
*Вакил аз ҳавзаи интихоботии Комсомол №19, шаҳри Душанбе*

Соли 1936 дар ноҳияи Орҷоникидзеобод таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ миёна.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 1956 сар кардааст. Аз соли 1959 фурӯшандаи калони шӯъбаи атриёти фурӯшгоҳи марказии Душанбе буд. Мактаби миёнаи шабонаи коргарҷавононро хатм намуд ва дар факултаи иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон таҳсил намуд.



**РОФИЕВ** Мурод
*Вакил аз ҳавзаи интихоботии Луҷоб №20, шаҳри Душанбе*

Соли 1936 дар шаҳри Душанбе таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ олӣ.

Фаъолияти меҳнатии ӯ соли 1956 сар шудааст. Баъди хатми мактаби миёна дар Комбинати сементу шифербарории Душанбе ёрдамчии мошинрон шуда ба кор медарояд.

Мошинисти печҳои даврзанандаи Комбинати сементу шифербарории шаҳри Душанбе буд.



**МИРЗОНАЗАРОВ** Назар
*Вакил аз ҳавзаи интихоботии Нагорний №21, шаҳри Душанбе*

Соли 1934 дар деҳаи Зерободи ноҳияи Айнӣ таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ миёна.

Бо ихтисоси устои барқ, дар Заводи хиштбарории шаҳри Душанбе кор мекард.



**БОБОХОНОВ** Дӯстмурод
**Вакил аз ҳавзаи интихоботии Октябр №22, шаҳри Душанбе**

Соли 1937 дар деҳаи Ҳеловари ноҳияи Орҷоникидзеобод таваллуд ёфтааст. Миллаташ тоҷик, таҳсилоташ миёнаи нопурра.

Соли 1956 дар ташкилотҳои бинокории шаҳри Душанбе кор кардааст. Дар соли 1959 баъд аз хизмати аскарӣ баргаштанаш ронандаи автобазаи №7 шаҳри Душанбе буд.

**(Давомаш дар шумораҳои оянда)**

**Ба диққати хонандагони рӯзнома!**

**Хоҳишмандон метавонанд китоби «Вакилони халқ 1938-2010»-ро аз Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас намоянд. Телефонҳо барои тамос: 221-35-53, 221-96-78**

# Таъмини оилаҳои камбизоат бо телефонҳои хонагӣ вазифаи аввалиндараҷа мебошад

**Сардори Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Бег Зуҳуров мӯътақид аст, ки ин ниҳод иҷрои супориши Роҳбари давлатро бобати таъмини як миллион хонаводаи ҷумҳурӣ бо телефонҳои бесими хонагӣ таъмин хоҳад намуд.**

**Тавре хонандагони азизи рӯзнома иттилоъ доранд, моҳи июли соли 2011 дар яке аз ҷаласаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарияти Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода буд, ки то ҷашни Наврӯзи соли 2012 дар манзили як миллион сокинони кишвар, алалхусус онҳое, ки камбизоатанд, телефон насб намоянд. Раванди иҷрои супориши фавқуззикрро мо аз сардори Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Бег Зуҳуров пурсон гаштем.**

**-Бег Сабурович, бо мақсади иҷрои супориши Сардори давлат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бобати таъмини як миллион хонаводаи ҷумҳурӣ бо телефонҳои бесими хонагӣ то ин замон чӣ корҳо ба сомон расидааст?**

-То ин замон аз ҷониби хадамот ба 100000 манзили ҳамватанонамон телефон насб шудааст ва ин раванд алъон босуръат идома дорад. Ҳамчунин рӯзҳои наздик аз Ҷумҳурии Халқии Хитой таҷҳизоти зарурӣ ворид хоҳад гашт, ки ин омил замина фароҳам меорад, ки боз 150000 хонаводаи дигар соҳиби чунин телефонҳо гарданд.

**-Раванди пешниҳоди рӯйхати чунин оилаҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо ва ниҳодҳои дахлдор дар кадом сатҳ аст ва оё ҳолатҳои тақаллубкорӣ ба мушоҳида расидаанд?**

-Айни замон ҳамарӯза беш аз 10000 дархост аз оилаҳои камбизоат бо тасдиқномаҳои мақомоти зикршуда ворид шуда истодааст, ки мо сари вақт ҷиҳати қонеъ намудани онҳо иқдом менамоем. То имрӯз ба хадамот зиёда аз 150000 ҳуҷҷатҳои шахсони камбизоат ворид шудаанд.

Бобати қисмати дуюми саволатон зикр намудан бамаврид аст, ки дурустии камбизоат будани оилаҳои дар рӯйхатҳо пешниҳодгардидаро мақомоти масъул кафолат медиҳанд, на хадамот. Вақте ки рӯйхат бо далелу арқоми тасдиққунанда ба мо пешниҳод мешавад, мо вазифадорем, ки дар доираи иҷрои супориши Роҳбари давлат ин оилаҳоро бо телефон таъмин намоем.

**-Яъне, дар навбати аввал шахсони камбизоат бо телефон таъмин мешаванд…**

-Комилан дуруст аст. Агар мо насби сартосарии чунин телефонҳоро бидуни муайян намудани камбизоатон ва пешниҳоди имтиёз пеша мекардем, шояд дар муддати кӯтоҳ зиёда аз як миллион хонаводa аз чунин хизматрасонӣ баҳравар мешуд.

**-Арзиши ин гуна телефонҳо чӣ қадар аст ва он имтиёзе, ки шумо зимни посух ба суоли пешин ёдрас шудед, дар кадом шакл пешниҳод хоҳад шуд?**

-Барои харидории як дона чунин телефон мо 40 сомонӣ хароҷот менамоем. Табиист, ки насбу тақсимоти он хароҷоти иловагиро талаб менамояд, ки ин маблағ низ аз ҷониби ҶСК «Тоҷиктелеком» пардохт мешавад. Имтиёзи аз ҷониби мо пешниҳодшаванда, ин ройгон будани истифодаи як моҳи аввали чунин телефонҳо ба ҳисоб меравад. Дар маҷмӯъ, амалӣ намудани чунин иқдом идомаи мантиқии дастгириву ғамхориҳои Сарвари хирадсолори давлатамон Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон нисбати табақаи эҳтиёҷманди аҳолӣ маҳсуб меёбад.

**-Оё дарояндаи наздик Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон насби як миллион телефонҳои зикршударо таъмин карда метавонад?**

-Бешубҳа. Баъд аз насби ин қабил телефонҳо дар манзили оилаҳои камбизоат, ки тавре болотар гуфтам дар навбати аввал анҷом меёбад, ба як миллион расонидани ин рақам аз ҳисоби дигар оилаҳо чандон душвор нест ва мӯътақидам, ки аз иҷрои он сарбаландона хоҳем баромад.

**-Барои сӯҳбати ошкоро арзи сипос менамоем.**

-Саломат бошед. Бо истифода аз фурсати муносиб кулли ҳамватанонамонро бо ҷашни фархундаи Наврӯз муборакбод гуфта, таманнои хонаободиву тансиҳатиашонро менамоям.

***Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»***

# Ахбори экологӣ ба ҳама дастрас аст

Дар Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани маърифати экологии аҳолӣ ва дастрасӣ ба иттилооту маводҳои дигар Маркази ахбори экологӣ ташкил шудааст. Тавре сардори ин марказ Хуршеда Мусаввирова ба хабарнигори рӯзнома иброз намуд:

-Дар самти баланд бардоштани маърифати экологӣ яке аз падидаҳои хуб ин ташкили ассотсиатсияҳои дӯстдорони табиат ва марказҳои экологӣ мебошад. Маркази ахбори экологии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2008 ташкил шудааст. Заминаҳои ташкили чунин як марказ ҳанӯз барвақт пайдо шуда буд. Соли 1996 нахустин бор дар байни кишварҳои ИДМ дар Тоҷикистон «Барномаи давлатии маърифат ва тарбияи экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардид. Вазифаҳои асосии ин барнома аз баланд бардоштани сатҳи маърифати экологии шаҳрвандон, ташаккули афкори умум дар соҳаи ҳифзи муҳити зист иборат буд. Кумита соли 2011 якҷоя бо шӯъбаву бахшҳои ҳифзи муҳити зист дар маҳалҳо ва сохторҳои вазорату идораҳои гуногун барои татбиқи барнома ва баланд бардоштани маърифати экологӣ чорабиниҳои зиёд гузаронид. Пеш аз ҳама, дар муассисаҳои томактабӣ, мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва мактабҳои олӣ, корхонаву муассисаҳо, маҳаллу ҷамоатҳо семинару конфронсҳо, машғулиятҳои амалӣ, лексия ва сӯҳбатҳо гузаронида шуд. Бо шарофати амалишавии барномаи мазкур дар муассисаҳои томактабӣ машғулиятҳо оид ба табиатшиносӣ, дар мактабҳои миёнаи таҳсилоти умумӣ фанни алоҳидаи экология, дар мактабҳои олӣ факултаҳои экологӣ ташкил ёфтанд. Фанни экология дар ҳамаи мактабҳои олӣ ҳамчун фанни асосӣ ба барномаи таҳсил дохил шудааст.

Бо мақсади расонидани иттилооти саривақтӣ соли 2011 вебсайти кумита ташкил карда шуд (www.hifzitabiat.tj) ва ба он ахборoти наву зарурӣ мунтазам ворид мешавад. Аз ҷониби кормандони марказ аз сомонаҳои электронии шариконӣ кумита маълумоти зарурӣ ҷамъоварӣ гардида, дар махзани маълумот ҷойгир мешавад. Дар раёсатҳо, шӯъбаҳо ва бахшҳои ҳифзи муҳити зисти вилоятҳо, сомонаи электронӣ ташкил шудааст. Яке аз падидаҳои нек дар бахши инъикоси мавзӯи экологӣ, ин моҳи марти соли 2011 рӯйи чоп омадани нашрияи соҳавии «Наврӯзгоҳ» мебошад. Илова бар ин, моҳи сентябри соли 2011 шумораи якуми маҷаллаи «Ҳифзи табиат» ба табиатдӯстони ҷумҳурӣ дастрас гардид. Тазаккур бояд дод, ки кумита бо мақсади ҷалби бештари журналистон ба мавзӯъҳои ҳифзи муҳити зист, бахшида ба 20-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар мавзӯи «Ҳифзи муҳити зист дар замони Истиқлолият» байни воситаҳои ахбори оммаи ҷумҳурӣ озмун барои маводи беҳтарин эълон кард.

-Яке аз роҳҳои баланд бардоштани маърифати экологии насли наврас ҳавасманд гардонидани онҳо мебошад. Раёсату бахшҳои ҳифзи муҳити зист дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои маориф, аз ҷумла муассисаҳои томактабӣ, озмунҳои ноҳиявӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявии расми беҳтарини «Табиати зебои диёр», озмуни ҷумҳуриявии иншои беҳтарин дар мавзӯъҳои «Ҳифзи табиат-қарзи ҳар як шаҳрванд», «Об -барои ҳаёт», «Заминро ҳифз мекунем», озмунҳои вилоятиву ҷумҳуриявии «Муаллим-экологи беҳтарин», маҳфилҳои «Табиатдӯстони ҷавон» ва клуби «Экологҳои ҷавон»-ро баргузор намуда, ғолибон Рӯзи умумиҷаҳонии муҳити зист бо мукофотҳои пулӣ қадрдонӣ шуданд,- зикр кард ҳамсӯҳбати мо.

Ба ифтихори 20-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон Бюллетени экологӣ бо теъдоди 200 нусха оид ба фаъолияти кумита дар соли 2010 нашр гардид. Яке аз самтҳои самаровару муҳими фаъолияти марказ ин ҳамкорӣ бо воситаҳои ахбори омма мебошад. Рӯйдоди назаррас ин бо иқдоми раиси кумита Талбак Салимов соли 2011 дар назди кумита ташкил гардидани клуби рӯзноманигорони экологӣ мебошад. Аъзои ин клуб ҳар моҳ як маротиба ҷамъ омада, роҳбарону мутахассисони соҳа бо онҳо дар мавзӯъҳои гуогун машғулият мегузаронанд. Боиси зикр аст, ки якчанд машғулиятҳо бевосита дар минтақаҳои хушобуҳавои дараҳои Варзобу Ромит, «Бешаи палангон», Маркази обуҳавосанҷӣ, КВД «Хоҷагии ниҳолпарварии шаҳри Ваҳдат», Хоҷагии ниҳолпарварии «Ватан» гузаронида шуд. Сафари аъзои клуб ба шаҳри Турсунзода, мушоҳидаи таъсири КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» ба муҳити атроф, дидани боғоти сарсабзу хуррам ва ангурзори мавзеъҳои атрофи корхона хотирмон буд.

Аз Х. Мусаввирова оид ба дигар тадбирҳо дар самти фаъолияти марказ пурсон шудем. Мавсуф иброз дошт, ки яке аз самтҳои таблиғоту ташвиқоти экологии марказ ин доир намудани чорабиниҳои экологӣ, аз қабили семинару вохӯриҳо ва сӯҳбатҳо мебошад. Соли 2011 дар ин робита 248 семинар ва 5543 сӯҳбату вохӯрӣ бо аҳолӣ гузаронида шуданд.

Имсол гузаронидани чорабиниҳои омӯзиши маърифати экологӣ бо донишҷӯёни филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи Ломоносов ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба нақша гирифта шудааст. Дар доираи истиқболи сазовори ҷашни миллии ниёгонамон-Наврӯзи аҷам, ки айёми сарсабзу зебоии табиат, гулу муғча кардани дарахтону аз замин қад кашидани себаргаҳо аст, рӯзи 18-уми феврал Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар назди Маркази савдои «Ганҷина» ярмарка-фурӯши ниҳолу буттаҳоро баргузор карданд. Дар чорабинии мазкур аз ҷониби хоҷагиҳои ҷангали ҷумҳурӣ 24350 бех буттаву ниҳолҳои хушсифати ороишиву сояафкани дорои сертификат ва бо нархи арзон пешкаши харидорон шуд.

-Сӯҳбати мо, ки дар арафаи Иди байналмилалии Наврӯз сурат мегирад, аз фурсат истифода бурда, баҳору Наврӯзро ба ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ табрику муборакбод мегӯям. Бигзор ҳамеша дӯстдори табиати зебо ва нотакрори Тоҷикистони азиз бошанд,-гуфт дар поёни сӯҳбат Хуршеда Мусаввирова.

***Б.КАРИМЗОДА, «Садои мардум»***

● Хат ғалат, имло ғалат, маъно ғалат

# «ИҚБОЛ»-И ПУРҒАЛАТ

## ё чӣ тавр дар ноҳияи Ҷаббор Расулов «ноҳия»-ро «район» мегӯянд




Имсол аз қабул шудани нахустин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар ҷумҳурӣ ва эълон гардидани забони тоҷикӣ ба ҳайси забони давлатӣ дар қаламрави кишвар 22 сол пур мешавад.

Тӯли ин муддат забони ширину ноби тоҷикӣ хеле сайқал ёфт, таълими забону адабиёти тоҷик дар аксари макотиби тоҷикиву ғайритоҷикии кишвар беҳ гардид, коргузорӣ дар бисёре аз корхонаву ташкилот ва муассисаву хоҷагиҳо ба забони давлатӣ сурат мегирад. Аз тарафи дигар, ба ин васила таваҷҷуҳи мардум ҳам ба омӯзишу ҳам ба бузургдошти забони давлатӣ бештар шуд. Шумораи рӯзномаю маҷаллаҳо, чопи асарҳо, санаду рисолаҳо ба забони давлатӣ ба маротиб афзоиш ёфт.

Гузашта аз ин, ба Қонуни забон ҳам тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид гардид ва дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз кумитаи махсуси истилоҳот фаъолият мекунад.

Вале мусаллам аст, ки таваҷҷуҳи ҳамагон ба масъалаи мазкур дар ҳамаи манотиқи кишвар, махсусан шаҳру навоҳии музофотии он, яксон нест.

Чанд рӯз қабл як нусхаи шумораи рӯзномаи ноҳиявие ба дастам афтод, ки «Иқбол» (№3 аз 21 январи соли 2012) ном дошта, нашрияи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷаббор Расулов мебошад.

Нахуст, бояд гуфт, ки нашрияро, бо назардошти ӯзбекзабон будани аксари мардуми таҳҷоии ноҳия, «Иқбол» ном кардаанд. Яъне, ин вожаи арабӣ ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам ӯзбекӣ маънии якхела дошта, тибқи нишондоди «Фарҳанги забони тоҷикӣ» «пешомад», «рӯй овардан ба чизе» ва «бахту толеъву саодат»-ро ифода мекунад. Аз ин лиҳоз, ин вожа ба рӯзномае, ки баёнгари вазъи набзи рӯз ва розу ниёзи мардуми як ноҳия бошад, чандон муносиб наменамояд.

Рӯзномаро варақ мезанам. Дар саҳифаи аввал ними онро шиноснома ва амри раиси ноҳия дар бораи гузаронидани муоинаи ҳатмии давлатии воситаҳои техникаи истеҳсолӣ банд кардааст.

Сипас, дар чоряки саҳифа ба забони ӯзбекӣ бо номи «Ахборот»-«Якунлар ясалди, вазифалар белгиланди» хабаре дар бораи маҷлиси ҷамъбастии натиҷаҳои рушди хоҷагии халқи ноҳия дар соли 2011 ва вазифаҳо дар соли 2012-ро ҷойгир кардаанд, ки ду расм ҳам дорад. Нимаи дигари ин саҳифаро хабаре бо номи «Матбуот конференсияси», эълоне ба диққати аҳолӣ ва нақшаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия оид ба қабули шаҳрвандон аз тарафи раиси ноҳия ва ҷадвали гузаронидани онҳо дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳот дар соли 2012 (аҷиб он аст, ки он танҳо моҳи январро дар бар мегирад) банд кардаанд. Ними дигари ин ҷадвал чоряки саҳифаи чорро ҳам ишғол кардааст.

Саҳифаро мутолиа кардаму дар он чанд «каромот»-и забондонони рӯзнома маро ба ҳайрат овард.

Таваҷҷуҳ кунед ба ин ҷумлаҳо: «Яқинда ноҳия ҳукуматининг(?) маҷлислар залида…», яъне «Ба наздикӣ дар маҷлисгоҳи ҳукумат (?)-и ноҳия…» ё худ «14 январ куни район (?) раиси Н.Н.Обиджоновнинг ноҳия оммавий ахборот (?) воситалари вакиллари (?) билан…», яъне «рӯзи 14 январ раиси район(?) Н.Н.Обидҷонов бо вакилон (?)-и воситаҳои ахборот (?)-и умум…»

Дар ин ҷумлаҳо вожаи «ахборот», ки аслан арабист, ғалат андар ғалат истифода шудааст. Шакли танҳои ин калима «хабар» аст. Шакли ҷамъи он «ахбор» ва «ахборот» гуфтан «хабарҳоҳо» гуфтан аст. Хайрият «ахборотлар» нагуфтаанд, ки он ҷамъбандии сетабақа мешуд.

Гузашта аз ин, вожаи «район», ки русӣ буда, тақрибан 25-30 сол пеш ба маънии ноҳияи имрӯза истифода мешуд, кайҳо аз таркиби луғавии забонҳо бароварда шудааст. Гузашта аз ин, ки бароварда шудаасту вакил бошад, дар радифи истилоҳот маънии «депутат»-ро дорад. Гузашта аз ин, имрӯз дар Тоҷикистон истилоҳоте, ки баёнгари сохторҳои давлатист, ба дигар забонҳо тарҷума карда намешавад ва гузашта аз он, ба ҷойи онҳо ҳатто муродифашонро ҳам истифода кардан ғалат маҳсуб мешавад. Масалан, «Президент» ва «Маҷлиси Олӣ» барин вожаҳо дар забонҳои дигар ҳам дар ҳамин шакл истифода мешаванд ва касе ҳуқуқи тарҷума кардани онҳоро надорад. Ғайр аз ин, истилоҳоти «раиси вилоят», «раиси шаҳр», «раиси ноҳия» дар забони тоҷикӣ танҳо дар ҳамин шакл қобили истифода мебошанд. Яъне, имрӯз, ки аз тарафи баъзе рӯзномаҳою маҷаллаҳо истилоҳоти «Президент», раисони шаҳру ноҳияро дар шакли «раиси ҷумҳур» ва «шаҳрдору ноҳиядор» истифода карда истодаанд, ғалати маҳз мебошад.

Аз ин лиҳоз, «каромот»-и забондонони рӯзномаи «Иқбол»-ро хулоса кардан мумкин аст, ки гӯё ҳамаи раисони навоҳии дигари кишвар раиси ноҳия мебошанду маҳз дар ноҳияи Ҷаббор Расулов раис раиси район (?!) аст.

Ҳамагон хуб медонанд, ки вожаи «ҳукумат» дар мо кайҳо инҷониб ифодакунандаи мафҳуми ҳукумати марказист, аз ин рӯ «ҳукумати ноҳия» гуфтан низ ғалати маҳз мебошад.

Чизи дигаре, ки таваҷҷуҳи маро ба худ ҷалб кард, мӯҳтавои рӯзнома аст. Ман дар ин шумора ягон хабар ё матлаби ҷиддие, ки баёнгари мӯҳтавои ҳаёти сиёсиву иҷтимоиву иқтисодии ноҳия бошад, дучор нашудам. Агар дигар рӯзномаҳои шаҳриву ноҳиявии кишвар ба масъалаи ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти хоҷагии халқ дар соли 2011 ва вазифаҳо барои соли 2012, ки бурду бохти яксолаи ҷомеаро ташкил медиҳанд, як шумораи пурраро бахшида бошанд, ин рӯзнома дар чоряки саҳифаи хеш чоп кардани як хабар ва ду расмро дар ин бобат кифоя донистаасту халос.

Ба ҷузъ ин гуфтаҳо, наздик ба 80 фоизи матолиби рӯзномаро мавод ба забони ӯзбекӣ ташкил медиҳад, ки ин аз риоя нашудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» гувоҳӣ медиҳад. Дуруст аст, ки аксари сокинони ин ноҳия ӯзбекҳо мебошанд, вале бо ин тарзи кор Ҷаббор Расуловиҳо кай забони давлатиро ба сокинони ноҳияашон меомӯзонанд?! Бояд зикр кард, ки рӯзнома на танҳо барои мардуми як ноҳия аст, балки берун аз он ҳам онро мутолиа мекунанд.

Бояд зикр кард, солҳое, ки рӯзноманигор ва шоири шинохтаи зиндаёд Мафтун Ҷӯра ба ин рӯзнома роҳбарӣ мекард, миқдори матолиби тоҷикӣ дар шумораҳо ба маротиб зиёд буд.

Баъдан, кас ба шубҳа меафтад, ки бо чунин ҷумлабандиҳои пур аз хатоҳои имлоӣ (дар аксари ҳолат гузоштани вергул ва «ӣ» (и-и дароз) дар ин ҷо риоя намешавад ва гап дар сари онҳо нест) ва бо чунин мӯҳтавои ғайри забони давлатӣ сокинони ин минтақа кай тоҷикидон мешуда бошанд?!

Биёед, саҳифаи 3-юмро варақ мезанем. Ин ҷо 95 фоизи маводи саҳифа ба забони ғайридавлатӣ нигошта шуда, ҳамагӣ дар кунҷи поёни саҳифа як хабари хурдакакеро бо номи «Соли хотирмон» ба забони тоҷикӣ ҷой кардаанд, ки дар бораи истиқболи Соли нав дар кӯдакистони рақами 6, деҳаи Ғӯлакандоз нақл мекунад. Дар ин хабари кӯчак ҳам чандин вожаҳо нодуруст истифода шудаанд. Масалан, ба ҷои вожаи «нақша»- «реҷа» истифода мешавад, ки чунин вожа дар забони адабии тоҷик вуҷуд надорад ё худ «саҳначаҳои кӯтоҳ (?)» гуфтан чӣ маънӣ дорад? Худи «саҳнача» гуфтан маънии «саҳнаи хурд»-ро ифода мекунад, сонияи саҳна кӯтоҳу дароз намешавад, балки хурду калон шуданаш мумкин аст.

Шумораро безавқона пӯшидаму чашмам ба шиносномаи он афтод ва бо қироати шиори шиноснома дуд аз димоғам баромад! Он ҷо чунин навишта шудааст: «Ватани мо-Тохикистон!»

Шояд ин саҳв техникӣ бошад, вале суоле ба миён меояд, ки ҳини чопи он сармуҳаррири рӯзнома Неъмати Набӣ, навбатдорон В.Азимов, М.Расулова ва ҳуруфчину саҳифабанд Р.Юнусов ба куҷо нигоҳ кардаанд, ки «Иқбол» бо чунин ғалати фаҳш 1574 нусха нашр шудааст?

***Ҳусейни НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»***




### Ҳамкориҳои кишоварзӣ бо кишвари Олтой

**ДУШАНБЕ. (Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»)** Тавре аз Маркази матбуот ва иттилооти Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар доданд, бо як гурӯҳ намояндагони кишвари Олтойи Федератсияи Россия, ки таҳти роҳбарии муовини губернатори ин кишвар Борис Владимирович Ларин ба Душанбе омадаанд, вохӯрӣ баргузор гардид. Муовини вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Султонноёбов чунин ҳамкориҳоро ҷиҳати рушди соҳаи кишоварзӣ мусбӣ арзёбӣ намуд . Намояндагони кишвари Олтой зикр намуданд, ки дар оянда оид ба рушди техника ва технологияи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, қисмҳои техникаи кишоварзӣ, инкишофи илми кишоварзӣ ва омӯзиши кадрҳо ҳамкориҳоро боз ҳам мустаҳкам менамоянд.

### Мардум роҳро обод кард

**ИСФАРА. (Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Сокинони деҳаи Лаккон ба ҳашари умумихалқӣ баромада, роҳи калони автомобилгарди Лаккон - Исфарараро то наздикии деҳаи Чилгазӣ шағалпӯш карданд. Бино ба гуфти котиби матбуотии раиси шаҳри Исфара Иқбол Тешаев, барои амалӣ шудани ин кор зиёда аз 300 литр сӯзишворӣ сарф гардид.

### Маорифчиён боғ бунёд мекунанд

**ФАРХОР. (М. РУСТАМЗОДА, «Садои мардум»)** Имрӯзҳо мавзеи Ӯртабузи ноҳияи Фархор ба корзори меҳнатӣ табдил ёфтааст. Баробар ба ҷӯшу хурӯши кори хоҷагиҳои деҳқонӣ, инчунин ташкилоту идораҳои ноҳия дар ин ҷо ба шинондани ниҳолҳо машғуланд. Аз ҷумла маорифчиёни ноҳия тасмим гирифтаанд, ки боғи алоҳидаи худро бо номи «Боғи маорифчиён» бунёд намоянд. Бо ин мақсад онҳо муташаккилона дар қитъаи ҷудошуда зиёда аз ду ҳазор дарахти гуногуни мевадиҳандаю сояафканро бо як тартиби муайян шинонида, нигоҳубини онҳоро ба роҳ мондаанд.

### Чорабинӣ баҳри ҳифзи олами ҳайвонот

**ҒОНЧӢ. (Ҳ. НАЗРУЛЛО, «Садои мардум»)** Аз 13 январ то 13 марти соли ҷорӣ, тибқи фармоиши Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади аз фасли зимистон беталаф баровардани ҳайвоноти ваҳшӣ ва паррандаҳо бахши ҳифзи муҳити зисти ноҳияи Ғончӣ амалиёти махсус гузаронид. Дар ин амалиёт хонандагони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 36-и деҳаи Қийғир, № 15-и деҳаи Угук, № 21-и деҳаи Хуштоири Ҷар, № 28-и деҳаи Сурхоб, № 35-и деҳаи Каҷровут ва мактаби таҳсилоти асосии рақами 2-и деҳаи Навобод фаъолона иштирок карда, дар мавзеъҳои дашту саҳро ва доманакӯҳҳо аз 10 то 100 кг дон, ба миқдори зарурӣ намак пошиданд. Инчунин барои ҳайвоноти ваҳшӣ бештар аз 100 кг картошка ва хошоки дурушт рехта шуд. Мактабиёни минтақаи дашти болооби Даҳнасой бошанд, барои паррандаҳо ба миқдори 20 кг майдаи гандум, 25 кг ҷав, 4 кг дони ҷуворимакка ва 5 кг намак оварданд.

### Маркази хизматрасонии компютерӣ

**МӮЪМИНОБОД. (Т.ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»)** Дар маркази ноҳия-шаҳраки Мӯъминобод бо ҷаҳду талоши соҳибкор Хуршед Сафаров Маркази хизматрасонии компютерӣ дари худро ба рӯйи муштариёнаш боз намуд. Масъулони марказ дар баробари маҷмӯи зиёди хизматрасониҳои компютерӣ, инчунин табъу нашри шиору овезаҳои замонавиро, ки дар ҳудуди ноҳия эҳтиёҷ ба он дар ҳоли афзоиш аст, ба роҳ мондаанд.

-Шахсан барои мо, ноширони ин ноҳияи дурдасти кӯҳистон, ки мудом роҳи дуру дарозро тай карда, барои чопи мавод, бахусус рӯзнома ба Душанбе мерафтем, акнун рӯйи кор омадани чунин марказ падидаи нек маҳсуб меёбад,- мегӯяд муҳаррири рӯзномаи ноҳиявии «Субҳи меҳнат» Нурулло Ҳасанов.

### Вохӯрӣ бо адибон

**САРБАНД. (Д. СУЛТОНОВ, «Садои мардум»)** Дар шаҳри Сарбанд ба истиқболи ҷашни Наврӯз бо як гурӯҳ шоирону нависандагони вилояти Хатлон вохӯрӣ баргузор гардид.

Аз ҷумла дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №14 адибон Озар, Рустами Хомарахш, Саидҷаъфар Баёзӣ, Сайид Барот, Ҳайитбой Қурбоналӣ барои дӯстдорони шеър маҳфили хотирмон доир намуданд. Чунин як чорабинии тавъами шеъру баҳор дар шаҳри Қӯрғонтеппа ва ноҳияи Бохтар низ баргузор шуд.

***Масъули гӯша Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум». Бо мо дар тамос бошед. Телефон: 238-58-91***

БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

# БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои созмоншудаи муштараки озмуни хариди Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – мақоми Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 712/1-325 | Бонки давлатии амонатгузории Тоҷикистон «Амонатбонк» | С.Талбаков 227-66-60 | Экрани байнишабакавӣ ASA (ASA 5520-BUN-K9)<br>Экрани байнишабакавӣ ASA (ASA 5520-BUN-K9) | адад<br>адад | 1<br>10 | 09.04.2012 соати $9^{00}$ |
| 713/1-326 | Бонки давлатии амонатгузории Тоҷикистон «Амонатбонк» | С.Талбаков 227-66-60 | Молҳои теххникӣ | номгӯй | 10 | 09.04.2012 соати $9^{30}$ |
| 714/1-327 | Бонки давлатии амонатгузории Тоҷикистон «Амонатбонк» | С.Талбаков 227-66-60 | Молҳои техникӣ | номгӯй | 7 | 09.04.2012 соати $10^{00}$ |
| 715/1-328 | Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т.Сатторов | С.Талбаков 227-66-60 | Роял, истеҳсоли «Олмон» (истифодашуда) | адад | 1 | 27.03.2012 соати $9^{00}$ |
| 716/1-329 | Муассисаи давлатии «Мактаб-интернати таҳсилоти умумии ҷумҳуриявии тамоюли варзишӣ» | С.Талбаков 227-66-60 | Маводи ғизоӣ | номгӯй | 22 | 27.03.2012 соати $9^{30}$ |
| 717/1-330 | Маркази тиббии идораи хоҷагии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | С.Талбаков 227-66-60 | Маводи ғизоӣ | номгӯй | 32 | 27.03.2012 соати $10^{00}$ |
| 718/1-331 | Омӯзишгоҳи касбӣ- техникии №66, ш.Душанбе | С.Талбаков 227-66-60 | Маводи ғизоӣ | номгуй | 15 | 27.03.2012 соати $10^{30}$ |
| 719/1-332 | Маркази таъиноти махсус оид ба иҷро намудани амалиётҳои наҷотдиҳии дорои хавфи баланд - «Маркази наҷотдиҳӣ»-и Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | С.Талбаков 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгӯй | 44 | 27.03.2012 соати $11^{00}$ |
| 720/1-333 | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ | С.Талбаков 227-66-60 | Бензини АИ-92<br>Сӯзишвории дизелии Л-62 | сомонӣ<br>сомонӣ | 60000<br>20000 | 27.03.2012 соати $11^{30}$ |
| 721/1-334 | Сарпрокуратураи ҳарбӣ | С.Талбаков 227-66-60 | Автомашинаи «Таёта - Камри»<br>Автомашинаи «Хундай-Елантра» | адад<br>адад | 1<br>1 | 09.04.2012 соати $10^{30}$ |
| 722/2-249 | Раёсати истифодабарии роҳҳои н.Шоҳмансур, ш. Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Қисмҳои эҳтиётӣ | номгуй | 17 | 27.03.2012 соати $9^{00}$ |
| 723/2-248 | Маркази саломатии шаҳрии №3, н.Шоҳмансур, ш. Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Доруворӣ | номгӯй | 74 | 27.03.2012 соати $9^{30}$ |
| 724/2-247 | Раёсати истифодабарии роҳҳои н.Шоҳмансур, ш. Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Молҳои гуногун | номгуй | 30 | 27.03.2012 соати $10^{00}$ |
| 725/1-246 | Шифохонаи парастории ҳамшираҳои шафқат, н.Фирдавсӣ, ш. Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Доруворӣ | номгӯй | 46 | 27.03.2012 соати $10^{30}$ |
| 726/2-245 | Раёсати истифодабарии роҳҳои н.Шоҳмансур, ш. Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Қисмҳои эҳтиётӣ | номгуй | 17 | 09.04.2012 соати $9^{00}$ |
| 729/3-119 | Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт | Х.Исмоилов 227-04-75 | Кабудизоркунӣ, соябон ва фаввора | тибқи санади нуқсонӣ | | 09.04.2012 соати $9^{00}$ |
| 728/3-120 | Боғи миллии Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири хандақҳои лимӯ ва роҳҳои байни қитъаҳо, таъмири бинои ҳоҷатхона | тибқи санади нуқсонӣ | | 27.03.2012 соати $9^{00}$ |
| 727/3-121 | Маркази миллии тиббӣ | Х.Исмоилов 227-04-75 | Корҳои таъмирӣ, сохтмонӣ | тибқи санади нуқсонӣ | | 09.04.2012 соати $9^{30}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақоми Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.
2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.
3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.

### ОБОДОНӢ ИДОМА ДОРАД

Тибқи нақша- чорабиниҳои Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Норак беш аз 15 ҳазор сокини шаҳр ба ҳашар баромада, ба ободонию кабудизоркунӣ ва нарм намудани бехи дарахтон машғул шуданд.

Аз ҷумла кормандони Идораи манзилию коммуналии НБО- и «Норак» ба номи Турсун Ӯлҷабоев якҷо бо сокинони минтақаҳои манзилии рақамҳои 1, 2, 3, 4 атрофи майдони марказии шаҳр, фавворахо, варзишгоҳ ва соҳили дарёи Вахшро тозаю зебо намуданд. Бо қувваи ҳашарчиён 500 метр қубурҳои фарсуда рӯйпӯш, 530 метр қубурҳои обгузар ва 273 метр қубурҳои гармидиҳӣ ранг карда шуд. Маорифчиёни шаҳр 934 бех ниҳоли дарахтони сояафкану мевадиҳанда ва гулҳои рангоранг шинониданд. Сокинони деҳоти Дӯконӣ ва деҳоти Пули Сангин, ки дар маъракаи ободонию ниҳолшинонӣ муташаккилона иштирок намуданд, 4 ҳазору 712 бех ниҳоли ороишиву сояафкан шинониданд.

***Ҳ. МИРЗОЕВ, шаҳри Норак***



## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Музоядаи №2-ро оид ба фурӯши воситаи нақлиёти ҳабсгардидаи «ДЭУ СИЭЛО», ки аз тарафи Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ҳабс гардидааст, 2 апрели соли 2012 баргузор менамояд

| т/р | Номгӯйи амволи ҳабсгардида | Суроға | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | ДЭУ СИЭЛО, рақами давлатӣ ВР 28-95 01 РТ | шаҳри Душанбе | 3381 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда- **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44. Телефон: 221-73-74, 221-16-14.**

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад.

Музояда **соати 10⁰⁰** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда барои воситаҳои нақлиёт ба 15 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад.

Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо нишонии зерин фаҳмидан мумкин аст: **шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44. Телефон: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74.**

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

### 2 апреля 2012 года проводит аукцион №2 по продаже транспортного средства «ДЭУ СИЭЛО», арестованного судом Шохмансурского района города Душанбе

| п/н | Наименование | Адрес | Стартовая стоимость (в сомони) |
|---|---|---|---|
| 1 | ДЭУ СИЭЛО, гос. номер ВР 28-95 01 РТ | город Душанбе | 3381 |

Приём заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: **город Душанбе, проспект Рудаки 44.**

Метод проведения: ***английский.*** Время проведения 1**0⁰⁰ часов.**

Гарантийный взнос равен 15 показателям для расчетов за один лот и вносится наличными в кассу Предприятия или безналичными на расчетный счет ГУП по организации продаж государственного имущества. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и госдурственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **город Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74.**


ОАО «Таджик Эйр»

приглашает на работу квалифицированных специалистов в области экономики, юриспруденции и финансов




ТРЕБОВАНИЯ:
- ✓ высшее образование;
- ✓ опыт работы по специальности не менее 5 лет;
- ✓ уверенный пользователь ПК (MS, Office, IC);
- ✓ знание иностранных языков (преимущественно английского языка);
- ✓ исполнительность, коммуникабельность, конфиденциальность, ответственность, умение работать в коллективе.

УСЛОВИЯ:
- ✓ высокая оплата труда;
- ✓ дополнительный социальный пакет от авиакомпании (медицинское обслуживание в собственном медицинском центре, предоставление льготных авиабилетов).

Присылать резюме по адресу: ул. Титова 32/1, или по эл. почте a.mavlonov@tajikairlines.com

☎ КОНТАКТНЫЕ ТЕЛЕФОНЫ: 48-701-50-45, 48-701-50-34.


## ЭЪЛОН

ҶДММ «Хайём Нур», воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Фучик 88, бо қарори муассис таҳти №1 аз 6 марти соли 2012 аз хусуси кам кардани фонди оинномавии худ хабар медиҳад. Фонди оинномавии ҶДММ «Хайём Нур» аз 6 марти соли 2012 инҷониб 150 (яксаду панҷоҳ) ҳазор сомониро ташкил менамояд.

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Музоядаи №6-ро оид ба фурӯши иншооти ғайриманқул 2 апрели соли 2012 баргузор менамояд

| т/р | Номгӯйи иншоот | Суроға | Нархи ибтидоӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Ошхонаи ҶСК «Кони намак» | ноҳияи Ашт | 50 000 |
| 2 | Ҳаммоми ҶСК «Кони намак» | ноҳияи Ашт | 70 000 |
| 3 | Ошхонаи ҶСК «Сайҳун» | ш. Конибодом | 80 000 |
| 4 | Хонаи истироҳатии ронандагони ҶСК «Сайҳун» | ш. Конибодом | 20 000 |
| 5 | Ошхона ва чойхонаи ҶСК «Зарбед» (собиқ ҶСК «СРСУ ш. Конибодом») | ш. Конибодом | 80 000 |
| 6 | Чойхонаи ҶСК «МНА-38» | ноҳияи Ашт | 50 000 |
| 7 | Клуби «Сорбон»-и ҶСК «МНА – 38» | ноҳияи Ашт | 20 000 |
| 8 | Ҳавзи ҶСК «Баҳодур» | ш. Қӯрғонтеппа | 5 000 |
| 9 | Ҳаммоми ҶСК «Баҳодур» | ш. Қӯрғонтеппа | 50 000 |
| 10 | Иншооти зиддисӯхтори ҶСК «Баҳодур» | ш. Қӯрғонтеппа | 5 000 |
| 11 | Гӯшаи сурхи ҶСК «Баҳодур» | ш. Қӯрғонтеппа | 20 000 |
| 12 | Вагон-хонаи ҶСК «Нафис» | ш. Душанбе | 5 000 |
| 13 | Нонвойхонаи ҶСК «СРСУ Қайроққум» | ш. Қайроққум, кӯчаи Сафина | 50 000 |
| 14 | Ошхонаи ҶСК «СРСУ Қайроққум» | ш. Қайроққум, кӯчаи Сафина | 40 000 |
| 15 | Гармхонаи ҶСК «СРСУ Қайроққум» | ш. Қайроққум, кӯчаи Сафина | 80 000 |
| 16 | Чойхонаи ҶСК «СРСУ Қайроққум» | ш. Қайроққум, кӯчаи Сафина | 100 000 |
| 17 | Бинои ошхона ва чойхонаи ҶСК «Заводи оҳану бетони № 5» | ш. Исфара | 200 000 |
| 18 | Бинои мағозаи ҶСК «АТП-35» | ш. Исфара | 20 000 |
| 19 | Бинои ошхонаи ҶСК «Авторем» | ш. Душанбе | 300 000 |
| 20 | Собиқ бинои мактаби ҶСК «Ҳабиб» | ш. Конибодом | 20 000 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда **- ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-73-74, 221-16-14 ва ш. Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927964016.**

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад. Музояда **соати 10⁰⁰** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо нишонии зерин: **ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, ш. Хуҷанд, кӯчаи Ленин 47/1, тел: 927964016** ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW. GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ГОСУДАРСТВЕННОЕ УНИТАРНОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ПО ОРГАНИЗАЦИИ ПРОДАЖ ГОСУДАРСТВЕННОГО ИМУЩЕСТВА ГОСУДАРСТВЕННОГО КОМИТЕТА ПО ИНВЕСТИЦИЯМ И УПРАВЛЕНИЮ ГОСУДАРСТВЕННЫМ ИМУЩЕСТВОМ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

### 2 апреля 2012 года проводит аукцион № 6 по продаже недвижимости

| п/н | Наименование объекта | Адрес | Стартовая стоимость (в сомони) |
|---|---|---|---|
| 1 | Столовая ОАО «Кони намак» | Аштский район | 50 000 |
| 2 | Баня ОАО «Кони намак» | Аштский район | 70 000 |
| 3 | Столовая ОАО «Сайҳун» | г. Канибадам | 80 000 |
| 4 | Домик отдыха для водителей ОАО «Сайҳун» | г. Канибадам | 20 000 |
| 5 | Столовая и чайхана ОАО «Зарбед» (бывшая ОАО «СРСУ г. Канибадам») | г. Канибадам | 80 000 |
| 6 | Чайхана ОАО «МНА-38» | Аштский район | 50 000 |
| 7 | Клуб «Сорбон» ОАО «МНА – 38» | Аштский район | 20 000 |
| 8 | Бассейн ОАО «Баҳодур» | г. Курган-тюбе | 5 000 |
| 9 | Баня ОАО «Баҳодур» | г. Курган-тюбе | 50 000 |
| 10 | Противопожарное здание ОАО «Баҳодур» | г. Курган-тюбе | 5 000 |
| 11 | Красный уголок ОАО «Баҳодур» | г. Курган-тюбе | 20 000 |
| 12 | Вагон – домик ОАО «Нафис» | г.Душанбе | 5 000 |
| 13 | Лепешечная ОАО «СРСУ Қайроққум» | г. Кайраккум, улица Сафина | 50 000 |
| 14 | Столовая ОАО «СРСУ Қайроққум» | г. Кайраккум, улица Сафина | 40 000 |
| 15 | Теплица ОАО «СРСУ Қайроққум» | г. Кайраккум, улица Сафина | 80 000 |
| 16 | Чайхана ОАО «СРСУ Қайроққум» | г. Кайраккум, улица Сафина | 100 000 |
| 17 | Здание столовой и чайханы ОАО «Заводи оҳану бетони № 5» | г. Исфара | 200 000 |
| 18 | Здание магазина ОАО «АТП - 35» | г. Исфара | 20 000 |
| 19 | Здание столовой ОАО «Авторем» | г. Душанбе | 300 000 |
| 20 | Бывщая здание школы ОАО «Ҳабиб» | г. Канибадам | 20 000 |

Прием заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: г. Душанбе, пр. Рудаки 44.

Метод проведения: ***английский***. Время проведения: **10⁰⁰ часов.**

Место проведения. **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, г. Худжанд, ул. Ленина 47/1.**

Гарантийный взнос равен 350 показателям для расчетов за один лот и вносится наличными в кассу Предприятия или безналичными на расчетный счет ГУП. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5% от цены продажи который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник, предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г. Душанбе, пр. Рудаки 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74, г. Худжанд, ул. Ленина 47/1, тел: 927964016**, а также на сайте Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан **WWW. GKI.TJ**

## ЭЪЛОН

ҶДММ «Контсохтмон» бо РЯМ 0110013420 дар асоси қарори маҷлиси умумии ғайринавбатии муассисонаш аз хусуси кам кардани фонди оинномавиаш, ки 48 000 000 (Чилу ҳашт миллион) сомониро ташкил медод, хабар медиҳад.

Айни ҳол фонди оинномавии ҶДММ «Контсохтмон» 4 800 000 (Чор миллиону ҳаштсад ҳазор) сомониро ташкил мекунад.

***

ҶДММ «Контэлектроник» бо РЯМ 0110013439 дар асоси қарори маҷлиси умумии ғайринавбатии муассисонаш аз хусуси кам кардани фонди оинномавиаш, ки 48 000 000 (Чилу ҳашт миллион) сомониро ташкил медод, хабар медиҳад.

Айни ҳол фонди оинномавии ҶДММ «Контэлектроник» 480 000 (Чорсаду ҳаштод ҳазор) сомониро ташкил мекунад.

***

ҶДММ «Конт импекс таъминот» дар асоси қарори маҷлиси умумии ғайринавбатии муассисонаш аз хусуси кам кардани фонди оинномавиаш, ки 48 000 000 (Чилу ҳашт миллион) сомониро ташкил медод, хабар медиҳад.

Айни ҳол фонди оинномавии ҶДММ «Конт импекс таъминот» 4 800 000 (Чор миллиону ҳаштсад ҳазор) сомониро ташкил мекунад.

## Эътибор надорад

Номаи камоли №0039930-и гумшуда, ки онро МТМУ №28, шаҳри Турсунзода соли 2002 ба Остонаев Беҳзод додааст, эътибор надорад.

***

Патенти №0008816 бо РЯМ 0730002112-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Турсунзода 24 августи соли 2009 ба Муродова Диломхон Ҷаҳбаровна додааст, эътибор надорад.

***

Патенти №0086685 бо РЯМ 0730024772-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Турсунзода 28 майи соли 2010 ба Ғафорова Робия додааст, эътибор надорад.

***

Номаи камоли силсилаи А №164941-и гумшуда, ки онро МТМУ №65, ноҳияи Рӯдакӣ соли 1991 ба Давлатов Каримҷон додааст, эътибор надорад.

***

Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КФББТ-и ш.Душанбе бо суроғаи ш.Душанбе, к.Маяковский, хонаи 54, ҳуҷраи 21 соли 2005 ба Ширинов Мамадшо Чиллаевич додааст, эътибор надорад.

***

Шартномаи хариду фурӯши гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои ш.Душанбе 2 марти соли 2005 таҳти реестри 8Д-793 бо суроғаи ш.Душанбе, кӯчаи Маяковский, хонаи 54, ҳуҷраи 21 ба Ширинов Мамадшо Чиллаевич додааст, эътибор надорад.

***

Дафтари ҳавлии гумшуда, ки онро ШКД-1-и ноҳияи Синои ш.Душанбе бо суроғаи ш.Душанбе, кӯчаи Маяковский, хонаи 54, ҳуҷраи 21 ба Ширинов Мамадшо Чиллаевич додааст, эътибор надорад.

***

Шиносномаи техникии №543-и гумшуда, ки онро КФТББ- и ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон бо суроғаи ноҳияи Данғара, Ҷамоати деҳоти Сангтӯда 14 июни соли 2004 ба Ашуралиев Хайриддин Боронович додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии №2727/10-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ соли 2010 ба Султонов Абдурасул Абдуразоқович додааст, эътибор надорад.

***

Билети донишҷӯйии №4913-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ соли 2010 ба Шокалонов Ҷавҳарбек Шерматович додааст, эътибор надорад.

***

Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КФТББ-и шаҳри Турсунзода бо суроғаи кӯчаи Водхозная 10/1 (ҳоло М.Осимӣ) 29 марти соли 1991 ба Хаитов Ҳомид Мирзоевич додааст, эътибор надорад.

***

Билети донишҷӯйии № 7-10-и гумшуда, ки онро Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат соли 2010 ба Раҷабов Мустафо Нуридинович додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҷаббор Расулови вилояти Суғд ба Алиев Сӯҳроб Зиёдуллоевич додааст, эътибор надорад.

***

Номаи камоли ТШТУ № 0292700-и гумшуда, ки онро мактаб-интернати ҷумҳуриявии ятимони ноҳияи Нуробод соли 2009 ба Назаров Шукрулло додааст, эътибор надорад.

## ДАРАК ДИҲЕД!

Суди ноҳияи Ашти вилояти Суғд ба сокини маҳаллаи Пахтакори Ҷамоати деҳоти Ҷарбулоқи ноҳияи Ашт Манонов Ғайрат Хидирович, санаи таваллудаш 26 майи соли 1976, ки аз 21 декабри соли 1994 инҷониб бедарак мебошад, пешниҳод менамояд ба суд ҳозир шавад ва ё аз маҳалли зисташ хабар расонад.

Аз ҳамаи онҳое, ки дар бораи Манонов Ғайрат Хидирович маълумоте доранд, хоҳишмандем ба суди номбурда хабар диҳанд.

***

Суди ноҳияи Ашти вилояти Суғд ба сокини маҳаллаи Гулистони Ҷамоати деҳоти Ҷарбулоқи ноҳияи Ашт Унаров Сайдалӣ Имомалиевич, санаи таваллудаш 20 июли соли 1974, ки аз 6 декабри соли 1994 инҷониб бедарак мебошад, пешниҳод менамояд ба суд ҳозир шавад ва ё аз маҳалли зисташ хабар расонад.

Аз ҳамаи онҳое, ки дар бораи Унаров Сайдалӣ Имомалиевич маълумоте доранд, хоҳишмандем ба суди номбурда хабар диҳанд.

***

Суди ноҳияи Ашти вилояти Суғд ба сокини маҳаллаи Тоҷик-Оқҷари Ҷамоати деҳоти Ҷарбулоқи ноҳияи Ашт Мамадҷонов Парвиз Пӯлодҷонович санаи таваллудаш 23 июли соли 1974, ки аз 19 ноябри соли 1993 инҷониб бедарак мебошад, пешниҳод менамояд ба суд ҳозир шавад ва ё аз маҳалли зисташ хабар расонад.

Аз ҳамаи онҳое, ки дар бораи Мамадҷонов Парвиз Пӯлодҷонович маълумоте доранд, хоҳишмандем ба суди номбурда хабар диҳанд.

## Барҳам мехӯрад

➘ Шаҳрванд Саидов Имомалӣ Қурбоналиевич, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0046992 бо РЯМ 0730010124 мебошад, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

➘ Шаҳрванд Холова Мушарраф, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0008852 бо РЯМ 0730002479 мебошад ва онро Нозироти андози шаҳри Турсунзода 28 августи соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

➘ Шаҳрванд Иргашев Андрей Раҷабович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0105590 бо РЯМ 0930034958 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 14 июли соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳамаи арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

➘ Шаҳрванд Маҳмадов Гулмаҳмад, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0020125 бо РЯМ 0430056963 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 11 марти соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

➘ Шаҳрванд Мӯсоев Хуршед Шарифович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0158746 бо РЯМ 1230052432 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 28 январи соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

➘ ҶДММ «Бозори яклухтфурӯшии маҳсулоти Деҳқон», бо РМА 090005718, воқеъ дар ноҳияи Ҳисор, кӯчаи И.Сомонӣ, хонаи 9 барҳам мехӯрад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

➘ Шаҳрванд Камолов Олимҷон Раҳматуллоевич, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0017344 бо РЯМ 0930004809 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 15 ноябри соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

➘ Шаҳрванд Зулфанов Азизқул Азизбоевич, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0105393 бо РЯМ 0930033656 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 30 июни соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

➘ Хоҷагии деҳқонии «Ғайрат-2003», бо РЯМ 0730033343, воқеъ дар шаҳри Турсунзода фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

➘ Шаҳрванд Ҳусенов Аҳлиддин Ҳикматуллоевич, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0210375 бо РЯМ 0930059314 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 8 феврали соли 2012 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳамаи арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.


Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

Садои мардум

САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 16 марти соли 2012, соати 15.20 иҷозат дода шуд. Адади нашр 26782 нусха

Навбатдори шумора Нуралиев Мирзо

Тарроҳони компютерӣ И. Самохин ва Н. Исмоилова